«ТАСДИҚ МЕНАМОЯМ»
**Директори Институти иқтисодиёт ва таҳқиқи системавии рушди кишоварзӣ, д.и.и., профессор, академики АИКТ**
**Пиризода Ҷ.С.** ____________
«17» ____01____ 2025 с.

# ХУЛОСАИ
## Институти иқтисодиёт ва таҳқиқи системавии рушди кишоварзии Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон

Диссертатсияи Ҳамдамзода Хурсанд Акбар дар мавзуи «Инкишофи консепсияи воридотивазкунонӣ дар соҳаи бозори маҳсулоти гӯшту шир: назария ва амалия» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.04.02 – Иқтисодиёти комплекси агросаноатӣ дар Институти иқтисодиёт ва таҳқиқи системавии рушди кишоварзии Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон иҷро гардидааст.

Ҳамдамзода Хурсанд Акбар 24 ноябри соли 1987 таваллуд шудааст, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Солҳои 2004-2009 Донишгоҳи давлатии Қурғонтеппа ба номи Носири Хусравро (ҳоло Бохтар) аз рӯйи ихтисоси менеҷер-иқтисодчӣ хатм намудааст.

Рисолаи номзадиашро дар мавзуи «Таъсири интенсификатсия ба самаранокии чорвои ширӣ дар минтақа (дар мисоли корхонаҳои кишоварзии вилояти Хатлон)» аз рӯйи ихтисоси 08.00.05. – «Иқтисодиёт ва идоракунии хоҷагии халқ» (комплекси агросаноатӣ ва хоҷагии қишлоқ) соли 2018 ҳимоя намудааст.

Аз соли 2009 то ин ҷониб дар Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав дар вазифаҳои гуногун фаъолият намуда, аз соли 2021 дар вазифаи муовини ректор оид ба таълими Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав кор ва фаъолият намуда истодааст.

Мавзуи диссертатсияи Ҳамдамзода Хурсанд Акбар дар ҷаласаи Шурои олимони Институти иқтисодиёт ва таҳқиқи системавии рушди кишоварзии Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон аз 30 декабри соли 2020, протоколи №15 тасдиқ гардидааст.

**Мушовири илмӣ:** доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Пиризода Ҷалил Сафар.

**Муқарризон:**

1. Рауфӣ А. – д.и.и., профессор, ходими пешбари илмии Институти иқтисодиёт ва таҳқиқи системавии рушди кишоварзии Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон.
2. Раҳматзода Ҳ.Б. – д.и.и., профессори кафедраи назарияи иқтисодӣ ва иқтисоди ҷаҳони Донишгоҳи славянии Россия ва Тоҷикистон.

3. Набиев Т.Т. – д.и.и., профессори кафедраи идоракунии молияи давлатии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Аз рӯйи натиҷаҳои муҳокимаи диссертатсия дар мавзуи «Инкишофи консепсияи воридотивазкунонӣ дар соҳаи бозори маҳсулоти гӯшту шир: назария ва амалия» хулосаҳои зерин бароварда шуданд:

**Баҳои кори иҷрошуда.** Кори диссертатсионии Ҳамдамзода Хурсанд Акбар дар мавзуи «Инкишофи консепсияи воридотивазкунонӣ дар соҳаи бозори маҳсулоти гӯшту шир: назария ва амалия» ба масоили мубрами инкишофи консепсияи воридотивазкунонӣ дар соҳаи бозори маҳсулоти гӯшту шир бахшида шудааст. Ҷумҳурии Тоҷикистон зарурати ҳаётан муҳимми таъмини тавозуни мутаносиби содирот ва воридоти молу маҳсулотро дар пешбурду шукуфоии иқтисоди миллӣ ва таъминии амнияти иқтисодӣ ба хубӣ дарк намудааст. Таҷрибаи андухтаи Тоҷикистон дар 33 соли истиқлолияти давлатӣ ба як нукта тамаркузи бештар дорад ва онро омили муҳимтарини рушди босуботи иқтисоди миллӣ муаррифӣ менамояд, ки аз муҳтавои Стратегияи миллии рушд дар давраи то соли 2030, матни суханрониҳо ва Паёмҳои сарвари давлат, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, барномаҳои соҳавӣ, консепсияҳо ва стратегияҳои рушди минтақаҳои кишвар бармеояд. Бидуни шак ҳадафи аслӣ ва умдаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таъмини рақобатпазирии иқтисодиёти миллӣ тавассути ноил гардидан ба тавозуни мутаносиби содирот ва воридоти молу маҳсулот дар заминаи татбиқи чор стратегияи ҳадафманд: таъмини амнияти озуқаворӣ, истиқлолияти энергетикӣ, раҳоӣ аз бунбасти коммуникатсионӣ ва саноатикунонии босуръат – ифода мегардад. Дар ин замина қадами нахустин ва муҳим татбиқи самараноки стратегияи воридотивазкунӣ, махсусан, дар соҳаи истеҳсол ва фуруши маҳсулоти озуқаворӣ ҳисобида мешавад. Аз тақризу хулосаҳои ба дастомада бармеояд, ки муаллиф ба вазифаҳои гузошташудаи диссертатсия ноил шуда, навовариҳои илмии худро асоснок намуда, хулоса ва пешниҳодҳои муфид манзур намудааст.

**Мубрам будани мавзуи диссертатсия.** Дар солҳои истиқлолият Ҳукумати Ҷумҳуриии Тоҷикистон дарростои рушди иқтисоди миллӣ ба як қатор муваффақиятҳои назаррас ноил гардид. Солҳои охир низ, новобаста аз номуътадилии вазъият ва бухронҳои ҷаҳонии иқтисодиву молиявӣ рушди муътадил ва босуботи иқтисоди миллӣ таъмин карда шудааст. Тавре, ки дар Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар бораи равандҳои муҳимтарини сиёсати дохилӣ ва хориҷии кишвар таъкид шудааст: «Дар ҳафт соли охир суръати рушди иқтисоди миллӣ ба ҳисоби миёна 7,5 фоизро ташкил дода, ҳаҷми маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ 1,5 баробар зиёд гардид. Ҳол он, ки мо дар давраи пандемияи КОВИД-19 беш аз ду сол дар шароити маҳдудиятҳои иқтисодиву тиҷоратӣ қарор доштем. Дар ин давра даромади пулии аҳолӣ 3,3 баробар афзоиш ёфта, аз 37,2 миллиард сомонии соли 2017 ба 112,7 миллиард сомонӣ дар соли 2023 расид. Музди миёнаи меҳнат беш аз 2 баробар ва андозаи нафақаи ниҳоӣ 1,9 баробар зиёд гардид. Бо вуҷуди болоравии нархҳо дар бозорҳои ҷаҳонӣ, солҳои охир дар кишвар

сатҳи таваррум муътадил нигоҳ дошта шуда, соли 2023-юм 3,8 фоизро ташкил намуд. Дар натиҷаи амалисозии тадбирҳои зикргардида сатҳи камбизоатӣ аз 29,5 фоизи соли 2017 то 21,2 фоиз дар соли 2023 коҳиш дода шуд». Маълум аст, ки дар 20 соли охир сатҳи зиндагии аҳолии Тоҷикистон бо тадриҷ беҳтар гардидааст. Инчунин дар Паём матраҳ шудааст: «Сатҳи камбизоатӣ дар кишвар аз 83 фоизи соли 1999-ум то 62 банди фоизӣ дар соли 2023 паст рафтааст».

Яке аз роҳҳои муҳим ва афзалиятноки таъмини бехтарии озуқаворӣ ва расидан ба ҳадафҳои стратегии рушди инноватсионии кишвар татбиқи самараноки консепсияи воридотивазкунӣ ва ба ҳамин васила коҳиш додани вобастагӣ аз маҳсулоти воридотӣ ба ҳисоб меравад. Консепсияи воридотивазкунӣ ба унвони стратегияи афзалиятноки мутобиқгардонии бахшҳои мухталифи иқтисодиёти миллӣ ба талаботи рузафзуни фазои рақобатӣ шинохта шудааст, ки имкон медиҳад, тавонмандии истеҳсолкунандагони ватаниро ботадриҷ таҳким бахшида сатҳи рақобатпазирии онҳоро боло бардорад. Консепсияи мазкур дар шароити кишварҳое, ки аз нигоҳи рушди инноватсионӣ ба таври назаррас қафо мондаанд ва наметавонанд молу маҳсулоти комилан навро ба унвони афзалияти рақобатии худ ба бозор пешниҳод намоянд, ба сифати механизми адаптатсионӣ дар як марҳалаи муайяни инкишофи иқтисодӣ тавсия мешавад. Пушида нест, ки ин консепсия барои Тоҷикистон низ дорои аҳамияти стратегӣ буда, татбиқи самаранок ва саривақтии он метавонад ба унвони омили калидӣ ҷиҳати таъмини амнияти озуқаворӣи кишвар, минҷумла, бо маҳсулоти гӯштӣ ва ширӣ, нақши муҳим дошта бошад.

**Алоқамандии мавзуи диссертатсия ба самтҳои афзалиятноки рушди илм, техника ва технология дар ҷумҳурӣ**. Мавзуи кори диссертатсионӣ бо барномаҳои давлатии «Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030» (СМР-2030), «Барномаи рушди низоми агроозуқаворӣ ва кишоварзии устувор барои давраи то соли 2030», «Барномаи миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016-2020 (БМР)», «Барномаи миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025 (БМР)», «Барномаи дастгирии давлатии соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Барномаи давлатии рушди содироти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025» ва консепсияҳо, стратегияҳо ва барномаҳои соҳавии рушди кишоварзӣ марбут аст. Инчунин ҷанбаҳои алоҳидаи мавзуӣ диссертастсионӣ дар доираи лоиҳаи илмӣ-таҳқиқотии Институти иқтсодиёт ва таҳқиқи системавии рушди кишоварзии АИКТ дар мавзӯи "Таҳияи механизми шарикии давлат ва бахши хусусӣ, ҷиҳати таъмини рушди устувори соҳаи кишоварзӣ" РКД0121TJ1091 барои солҳои 2021-2025 иҷро гардидааст.

**Ҳадаф ва вазифаҳои таҳқиқот.** Ҳадафи таҳқиқоти диссертатсионӣ асосноккунии муқаррароти назариявию методологии стратегияи воридотивазкунонии агросаноатӣ ва коркарди тавсияҳо, амсилаҳо ва чорабиниҳои амалӣ ҷиҳати татбиқи стратегияи воридотивазкунӣ дар бозори маҳсулоти гӯшту шир дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шумор меравад.

Ноил гардидан ба ҳадафи гузошташуда зарурати анҷоми вазифаҳои зеринро ба миён меоварад:

- таҳқиқи ҷанбаҳои назариявии консепсияи воридотивазкунӣ дар бахши кишоварзӣ:
- омӯзиши парадигмаҳои асосии инкишофи бахши кишоварзӣ дар шароити кунунӣ;
- баррасии таҷрибаи хориҷии татбиқи консепсияи воридотивазкунӣ дар бахши кишоварзӣ;
- таҳқиқи муҳтавои сохтори механизмҳои ташкиливу иқтисодии воридотивазкунии маҳсулоти кишоварзӣ;
- омӯзиши механизмҳои танзими бозори гӯшту шир ва таснифоти усулҳои татбиқи стратегияи воридотивазкунӣ дар истеҳсолоти кишоварзӣ;
- таҳлили самаранокии татбиқи стратегияи воридотивазкунӣ дар бозори маҳсулотҳои гӯшт ва шир дар Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- арзёбии нақши давлат дар рушди бозори маҳсулоти гӯшт ва шир;
- баррасии механизми дастгирии давлатии рушди соҳибкории кишоварзии воридотивазкунанда;
- асоснок намудани механизми ташаккули кластерҳои ба воридотивазкунӣ нигаронидашудаи агросаноатӣ дар бозори маҳсулоти гӯшт ва шир;
- омӯзиши самтҳои афзалиятноки татбиқи стратегияи воридотивазкунӣ дар бозори маҳсулоти гӯшт ва шир;
- пешниҳоди тавсияҳо ҷиҳати дастгирии давлатии рушди соҳибкории хурду миёна дар соҳаи чорводорӣ дар шароити татбиқи стратегияи воридотивазкунӣ.

**Объекти таҳқиқоти диссертатсионӣ** механизмҳои ташкиливу иқтисодии татбиқи стратегияи воридотивазкунӣ дар бозори маҳсулоти гӯшт ва шир ба ҳисоб меравад.

**Мавзуи таҳқиқот** муносибатҳои иқтисодиву иҷтимоии шаклгирифта дар раванди татбиқи стратегияи воридотивазкунӣ дар бозори маҳсулоти гӯшт ва шир ба ҳисоб меравад.

**Фарзияи таҳқиқот** дар асоси мулоҳизаҳои муаллиф ҷиҳати самаранок ва оқилона истифода бурдани фишангҳои давлатии танзими истеҳсолоти кишоварзӣ бо таваҷҷӯҳ ба корбурди усулҳо ва шаклҳои пешқадами татбиқи стратегияи воридотивазкунӣ дар бозори маҳсулоти гӯшт ва шир пешниҳод шудааст, ки ба таъмини эҳтиёҷоти дохилӣ ва тадриҷан густариш додани потенсиали содиротии соҳа нигаронида шудааст.

**Асосҳои назариявӣ ва методологии таҳқиқот.** Асосҳои назариявии таҳқиқоти диссертатсионӣ асарҳои бунёдии олимони ватанӣ ва хориҷӣ дар самти рушди консепсияҳои воридотивазкунӣ, назарияи иқтисодиёти КАС дар радифи таъмини рушди устувори иқтисодӣ ва ба таври оптималӣ ҳал намудани муаммоҳои амнияти озуқаворӣ ташкил медиҳанд. Ғайр аз ин санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ оид ба танзими муаммоҳои воридотивазкунӣ, таъмини рушди устувор ҳам дар ҳудудҳои алоҳида ва ҳам дар умум дар

Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои истиқлоли давлатӣ мавриди омӯзиш ва истифода қарор гирифтаанд.

Асосҳои методологии таҳқиқоти диссертатсиониро маҷмуи принсипҳои илмии таҳқиқот, методҳои таҳлили системавӣ ва мантиқӣ, методи синтез, таҳлили муқоисавӣ, методҳои риёзиву иқтисодӣ, методи арзёбии мавқеии коршиносон истифода шудаанд, ки ҷиҳати коркард ва баровардани хулосаҳои асоснок аз рӯйи натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ имконият фароҳам меоварад. Ҷиҳати асоснoксозии натиҷаҳои таҳқиқот усулҳои маҷмуавии интегралӣ, усули коррелятсионӣ ва регрессионӣ оид ба арзёбии таъсири омилҳо ба самаранокии истеҳсолот, занҷираи аризишофарӣ, стртегияҳои маркетингии пешбурди фаъолияти иқтисодӣ дар бахши КАС, инчунин муайянсозии самти такмили низоми идоракунии корхонаҳои кишоварзӣ истифода шудаанд.

**Саҳми шахсии довталаб барои дарёфти дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот.** Диссертатсия кори илмӣ-таҳқиқотии мустақилонаи муаллиф мебошад. Аз тарафи унвонҷӯ муҳиммияти мавзуъ аз нуқтаи назарияи иқтисодиёти бозорӣ асоснок, ҳадаф ва вазифаҳои таҳқиқот муқаррар карда, дар асоси коркарди ҳолатҳои назариявию методологӣ зарурати ташаккули механизми танзими КАС – ро исбот намуда, роҳҳои истифодабарии самараноки онҳоро дар соҳаҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ муайян ва коркардҳои илмӣ доир ба такомули фишангҳои таъсири давлат ба ҷараёнҳо ва падидаҳои иқтисодӣ, ки ба миён меоянд, дар амал татбиқ шуда, иштироки бевосита дорад. Рисола бо забони илмӣ навишта шудааст, таҳқиқоти тахассусии ба анҷом расонидашударо ифода менамояд, мақсади кор ба даст омадааст, масъалаҳо дар мувофиқат ба услубҳои интихобшуда ҳал гардидаанд, хулосаҳо ва пешниҳодҳо асоснок карда шудаанд.

Саҳми шахсии муаллиф дар муайянкунии мақсадҳои предмет ва объекти таҳқиқот, дар асосноккунии номгӯи вазифаҳои таҳқиқот ва ҳалли ин масъалаҳо, ки истифодаи онҳоро барои инкишофи консепсияи воридотивазкунонӣ дар соҳаи бозори маҳсулоти гӯшту шир бо таваҷҷӯҳ ба такмили механизми сармоягузории он имконпазир мегардонад, зоҳир мегардад.

**Дараҷаи дурустии натиҷаҳои таҳқиқотҳои гузаронидашуда.**

Асоснокӣ ва дурустии натиҷаҳои ба дастомада дар вақти гузаронидани таҳқиқот бо муносибати системавии методологӣ, консепсияи илмии ташхиси иқтисодӣ, такякунӣ ба усулҳои назариявӣ ва эмпирикии таҳқиқот, инчунин таҳлили корҳои таҳқиқотҳои олимони ватанию хориҷӣ таъмин гардидааст. Барои ҳалли вазифаҳои гузошташуда усулҳои таҳлили системавӣ, регрессивӣ ва синтез, коркарди омории маълумотҳо, усулҳои таҳлили муқоисавӣ ва ташхисӣ, инчунин тарзҳои ҷадвалӣ ва графикии пешниҳоди маълумотҳо истифода гардидаанд.

**Мутобиқати ихтисос ва номи мавзуъ ба шиносномаи ихтисос ва муҳтавои диссертатсия.** Мавзуи диссертатсия ба бандҳои зерини Шиносномаи ихтисосҳои кормандони илм аз рӯи ихтисоси 08.00.04.02 – Иқтисодиёти комплекси агросаноатӣ мувофиқат менамояд: 1. Назарияи

муносибатҳои аграрӣ, аз ҷумла замин, об; рушди шакл ва муносибатҳои моликият дар кишоварзӣ ва дигар соҳаҳои КАС. 2. Татбиқ ва рушди бозорҳои захиравӣ ва хӯрокворин кишоварзӣ, методҳои ҳимояи онҳо. 3. Танзими давлатии кишоварзӣ ва дигар соҳаҳои КАС. 9. Самаранокии фаъолияти корхонаҳо ва соҳаҳои КАС. 15. Рушди кооператсияи кишоварзӣ, аз ҷумла истеҳсолӣ, хизматрасонӣ ва қарздиҳӣ. 16. Масъалаҳои иқтисодии бунёд ва фаъолияти соҳибкории хурд ва миёна дар КАС ва маҳалли деҳот. 21. Бехатарии хӯроквории мамлакат, оқибатҳои буҳрони ҷаҳонии хӯрокворӣ, ҷабҳаҳои аграрии воридшавии Тоҷикистон ба Созмони умумиҷаҳонии савдо (СУС). 22. Рақобатпазирии маҳсулоти кишоварзӣ ва корхонаҳои агросаноатӣ. 34. Асосҳои ташкилию иқтисодии рушди корхонаҳои саноатии коркарди маҳсулоти кишоварзӣ; 37. Сифат ва рақобатпазирии маҳсулоти корхонаҳои (хоҷагиҳои) комплекси агросаноатӣ; 46. Проблемаҳои рақобатпазирии иқтисодиёти кишоварзӣ ва роҳҳои ҳалли он; 49. Ҳавасмандсозии фаъолияти сармоягузорӣ дар кластерҳои соҳаи чорводорӣ.

**Пойгоҳи таҳқиқот.** Диссертатсияи мазкур дар Институти иқтисодиёт ва таҳқиқи системавии рушди кишоварзии АИКТ иҷро карда шудааст.

**Навгонии илмии таҳқиқотро** асосноккунии муқаррароти назариявию методологии стратегияи воридотивазкунонии маҳсулоти агросаноатӣ ва коркарди тавсияҳо, амсилаҳо ва чорабиниҳои амалӣ ҷиҳати татбиқи стратегияи воридотивазкунӣ дар бозори маҳсулоти гӯшту шир дар Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян менамояд. Муқаррароти асосӣ ва натиҷаҳои таҳқиқот, ки навгониҳои илмиро дарбар мегиранд, инҳоанд:

- ҷанбаҳои назариявӣ ва методологии таҳқиқи консепсияи воридотивазкунӣ дар бахши кишоварзӣ мушаххас гардонида шуда муҳтавои иқтисодии он чун сиёсати махсуси давлатӣ, ки бо истифода аз роҳу усулҳои оқилонаи истеҳсоли молу махсулоти ба кишвар воридшавандаи хориҷӣ амнияти иқтисодӣ (озуқаворӣ), рақобатпазирии ширкатҳои ватанӣ, рушди инноватсионӣ ва такмили механизми ташкилию иқтисодии идоракунии субъектҳои иқтисоди миллиро таъмин менамояд, таъриф шудааст;

- парадигмаҳои асосии инкишофи бахши кишоварзӣ дар шароити кунунӣ асоснок шудаанд, ки ба равиши ба роҳ мондани истеҳсолоти ватанӣ бо таваҷҷуҳ ба пур кардани бозори дохилӣ ва пешгирии воридоти маҳсулоти хориҷӣ тавассути самаранок истифода бурдани фишангҳои бозориро ба унвони муҳимтарин консепсияи рушди бахши кишоварзӣ – консепсияи воридотивазкунии маҳсулоти кишоварзӣ муаррифӣ менамояд;

- принсипҳои асосӣ, усулҳо, равишҳо ва муҳтавои сохтории механизмҳои ташкиливу иқтисодии воридотивазкунии маҳсулоти кишоварзӣ аз дидгоҳи назария ва методологияи рушди босуботи иқтисодӣ бо таваҷҷӯҳ ба ҳавасмандгардонии рушди инноватсионӣ ва суръат бахшидан ба равандҳои сармоягузорӣ, бартараф кардани маҳдудиятҳои инфрасохторӣ ва такмили заминаи меъёрӣ ва ҳуқуқии рақобати озод дар бозори маҳсулоти кишоварзӣ ҷамъбандӣ гардидаанд, ки имкон медиҳад, принсипи мутобиқсозии модели идоракунии бахши кишоварзиро ба талаботҳои бозори

ҷаҳонии маҳсулоти кишоварзӣ ба сифати меъёри асосии расидан ба ҳадафҳои стратегии таъмини амнияти ғизоии кишвар қабул карда шавад;

- усулҳои татбиқи стратегияи воридотивазкунӣ дар истеҳсолоти кишоварзӣ таснифот ва самтҳои истифодаи он дар бозори маҳсулоти гӯшт ва шир асоснок карда шуданд, ки таносуби оқилонаи сиёсати протексионистиро бо таваҷҷуҳ ба ҳавасманд намудани истеҳсолкунандагони ватанӣ таъкид менамояд;

- самаранокии татбиқи стратегияи воридотивазкунӣ дар бозори маҳсулотҳои гӯшт ва шир дар Ҷумҳурии Тоҷикистон арзёбӣ гардида, миқёси хатар, муаммоҳои мавҷуда, монеаҳо ва омилҳои таъмини амнияти ғизоии аҳолии кишвар ошкор шудаанд. Дар ин замина бурд ва бохти сиёсати давлатии воридотивазкунанда дар бозори маҳсулоти гӯшт ва шир баҳогузорӣ карда шуда амсилаи риёзииояндабинии дурнамои истеҳсоли маҳсулоти гуштӣ ва ширӣ таҳия шудааст;

- механизми дастгирии давлатии рушди соҳибкории аграрии воридотивазкунанда дар заминаи баланд бардоштани самаранокии идоракунии рақобатпазирии соҳибкории кишоварзӣ дар асоси ба назар гирифтани шароити бозор, омӯзиши рафтори истеъмолкунандагон, такмили раванди истеҳсолот дар робита ба ҷорӣ намудани техника ва технологияҳои пешқадам дар самти соҳибкории кишоварзӣ ва дастгирии давлатии лоиҳаҳои интиқоли технологияҳои пешрафтаи хориҷӣ, ба даст овардани хатҳои муосири истеҳсолӣ, ки метавонанд рақобатпазирии соҳибкории кишоварзии воридотивазкунандаро бо истифода аз ашёи хоми ватанӣ ба таври назаррас баланд бардоранд, коркарда баромада шудааст;

- самтҳои асосии ташаккули кластерҳои ба воридотивазкунӣ нигаронидашудаи агросаноатӣ дар бозори маҳсулоти гӯшт ва шир ошкор карда шуда, амсилаи лоиҳавии кластери маҳсулоти ширӣ пешниҳод шудааст, ки хавфи сармоягузориро ба лоиҳаҳои бунёди корхонаҳои коркарди маҳсулоти ширӣ коҳиш медиҳад;

- ҷанбаҳои амалии татбиқи шарикии давлатӣ ва бахши хусусӣ дар ташаккули кластери саноати коркарди маҳсулоти ширӣ дар вилояти Суғди ҶТ бо таваҷҷуҳ ба зарурияти иштироки давлат дар бозори маҳсулоти кишоварзӣ чун танзимкунандаи нарх ва ҳимояи ҳуқуқҳои деҳқон ҷудо карда шуда, омилҳои муассир ба раванди ташаккул ва инкишофи кластери мазкур баҳогузорӣ шудаанд, ки имкон доданд нукоти қувват, заъф, имкониятҳо ва хатарҳои татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ ҷиҳати пешрафти саноати коркарди маҳсулоти ширӣ дар минтақаи мазкур дар шакли стратегия амалӣ ҷамъбандӣ карда шавад:

- самтҳои такмили равандҳои занҷири арзиши иловашудаи маҳсулоти гӯштӣ дар шароити воридотивазкунӣ ҷиҳати таъмини суботи нархӣ ва аз байн бурдани таъсири манфии омилҳои ғайрибозорӣ ба нархгузории маҳсулоти гӯштӣ кор карда баромада шуда, лоиҳаи кластери коркарди маҳсулоти гӯштӣ дар мисоли корхонаҳои саноати хӯроквории вилояти Хатлони ҶТ пешниҳод шудааст;

- афзалиятҳои дастгирии давлатии рушди соҳибкории хурду миёна дар соҳаи чорводорӣ дар шароити татбиқи стратегияи воридотивазкунӣ асоснок гардида, маҷмуи тавсияҳо ҷиҳати самаранокии чорабиниҳои давлатӣ дар самти вусъат бахшидан ба фаъолияти навҷорисозӣ ва сармоягузории корхонаҳои хурду миёна пешниҳод шудаанд;

- самтҳои густариши ҳамгироии субъектҳои бозори минтақавии маҳсулотҳои гӯштӣ ва ширӣ дар шароити татбиқи стратегияи воридотивазкунӣ дар мисоли корхонаҳои паррандапарварии водии Ҳисор ва хоҷагиҳои чорводории ширӣ, гӯштӣ ва гӯсфандпарварии вилояти Хатлон бо таваҷҷуҳ ба асоснокнамоии техникӣ-иқтисодии лоиҳаҳои мазкур дар заминаи коҳиши воридоти маҳсулоти гӯштӣ ва ширӣ пешниҳод гардидаанд.

**Аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот** дар инкишофи илмии иқтисодиёти КАС ва илова ба он, бо воситаи коркарди ҳолатҳои методологӣ оид ба зарурати дахолати давлат ба доираи иҷтимоию иқтисодӣ ва асоснок намудани раванди ташаккулёбии механизми танзими макроиқтисодии рушди минтақаҳо дар шароити пурзӯр гардидани тамоили ҷаҳонишавӣ ва ба эътибор гирифтани хусусиятҳои давраи гузариш ба иқтисодиёти индустриалӣ-аграрӣ ва иҷрои вазифаҳои нави таъмини воридотивазкунӣ ифода меёбад. Аҳамияти амалӣ дар истифодабарии механизми танзими КАС, тараққиёти минтақаҳо аз ҷониби мақомотҳои ҳокимияти давлатии марказиву минтақавӣ ҳангоми таъсиси институтҳои идоракунӣ ва баланд бардоштани самаранокии фаъолияти онҳо, татбиқи чораҳои таъсири давлатӣ ба иқтисодиёт, инчунин коркарди стратегияҳо ва барномаҳои мақсадноки воридотивазкунӣ дар бозори маҳсулоти кишоварзӣ ва ҳудудҳои маъмурии ҶТ дарҷ мегардад.

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия.** Муқаррарот ва натиҷаҳои таҳқиқоти илмӣ дар конференсияҳои илмӣ-амалӣ ва форумҳои илмии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҷумҳурии Ҳиндустон, Федератсияи Россия дар шакли маърузаҳои илмӣ, тезисҳо ва мақолаҳо пешниҳод ва чоп гардидааст. Натиҷаҳои асосии илмию методӣ ва тавсияҳое, ки барои асосноккунии такмили механизми воридотивазкунӣ пешниҳод шудаанд, дар фаъолияти мақомоти гуногуни давлатӣ истифода шудаанд.

**Мавҷудияти санадҳои тасдиқкунандаи татбиқи натиҷаҳои илмӣ.**

Натиҷаҳои амалии диссертатсия дар раванди таҳқиқот дар сарраёсати кишоварзии вилояти Хатлон татбиқ карда шуд (Санад аз 03.01.2025, №1/25). Барои истифода дар раванди таҳияи стратегия ва барномаҳои соҳаи кишоварзӣ дар Институти иқтисодиёт ва таҳқиқи системавии рушди кишоварзии Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон (Санад аз 08.01.2025, №3). Барои истифода дар раванди таълими фанҳои равияи иқтисодӣ дар Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав (Санад аз 06.01.2025, №01/25-11).

**Интишорот аз рӯйи мавзӯи диссертатсия.** Аз рӯйи маводи диссертатсия 35 кори илмӣ, аз он ҷумла 26 мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи аз ҷониби Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсияшуда нашр шудааст.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Диссертатсия аз муқаддима, панҷ боби матни асосӣ, хулоса ва пешниҳодҳо, рӯйхати адабиёт иборат аст. Муҳтавои асосии таҳқиқот дар 345 саҳифа оварда шуда 35 ҷадвал ва 21 расмро дар бар мегирад. Рӯйхати адабиёт аз 240 номгӯй иборат аст.

## Руйхати интишороти Ҳамдамзода Хурсанд Акбар доир ба мавзуи диссертатсия

### Монографияҳо:

1. Ашуров И.С. Интенсификация молочного скотоводтсво в регионе (на материалах Хатлонской области Республики Таджикистан) [Текст] / И.С. Ашуров Х.А. Муллоев // Монография. - Душанбе - «Эр-Граф», 2017. – 160 с; УДК 338.43.021.8; ББК 65.32-1 А-987; ISBN 978-99975-59-21-0.
2. Ҳамдамзода, Х.А. Реализация кластерного подхода в пищевой промышленности региона [Текст] / Х.А. Ҳамдамзода, З.М. Салимова // Бохтар - ООО «Матбаа», 2024. – 155 с; УДК 338.2+664; ББК 65.9:664; ISBN 978-99985-846-2-4.

## Интишорот дар маҷаллаҳои илмии такризшавандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон

1. Муллоев, Х.А. Развитие малых предприятий в сельских территориях Таджикистана [Текст] / Х.А. Муллоев, А.Т. Хакимов // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально – экономических и общественных наук. Душанбе. - 2012. – № 2/8 (100). – С. 154–157. ISSN 2413 - 5151.
2. Муллоев, Х.А. Возможные методы финансирования инвестиций в сельское хозяйство в новых условиях хозяйствования [Текст] / Х.А. Муллоев // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально – экономических и общественных наук. Душанбе. - 2013. – № 2/1 (103). – С. 72–74. ISSN 2413-5151.
3. Ашуров, И.С. Состояние интеграции молокопроизводителей и перерабатывающих предприятий [Текст] / И.С. Ашуров, Х.А. Муллоев, Х.П. Шарипов, С. Олимов // Теоритический и научно - практический журнал «Кишоварз» Изд.: ТАУ имени Шириншох Шотемур. – Душанбе. - 2015. - № 4. С. 67-69. ISSN: 2074-5435
4. Муллоев, Х.А. Оценка интенсификации молочного скотоводства в Хатлонской области [Текст] / Х.А. Муллоев, М.Х. Холназаров // Вестник Курган – тюбинского государственного университета имени Носира Хусрава. Курган – тюбе. - 2015. - № 4 (34). - С. 19-23. ISSN: 2309-6764.
5. Ашуров, И.С. Теоретические основы и экономическая сущность интенсификации [Текст] / И.С. Ашуров, Х.А. Муллоев // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально – экономических и общественных наук. Душанбе. - 2015. – № 2/9 (190). – С. 320–324. ISSN 2413-5151.
6. Муллоев, Х.А. Оптимизация структуры кормового рациона основа роста молочного скотоводства в Хатлонской области [Текст] / Х.А. Муллоев, //

Вестник Курган – тюбинского государственного университета имени Носира Хусрава. Серия гуманитарных и экономических наук. Курган – тюбе. - 2016. - № 1/3 (39). - С. 87-95. ISSN: 2663-5534

7. Кабиров, С. Эффективность интенсификации молочного скотоводства [Текст] / С. Кабиров, Х.А. Муллоев, Ш. Насриддинов, Б. Иззатулло, И.С. Ашуров // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально – экономических и общественных наук. Душанбе. - 2016. – № 2/1 (193). – С. 56-60. ISSN 2413-5151.

8. Муллоев, Х.А. Теоретические основы регионального развития и повышения эффективности молочного скотоводства в условиях рынка [Текст] / Х.А. Муллоев // Вестник Курган – тюбинского государственного университета имени Носира Хусрава. Серия гуманитарных и экономических наук. Курган – тюбе. - 2017. - № 1/1 (43). - С. 113-118. ISSN: 2663-5534.

9. Муллоев, Х.А. Молочнопродуктовый подкомплекс как составная часть АПК [Текст] / Х.А. Муллоев // Вестник Курган – тюбинского государственного университета имени Носира Хусрава. Серия гуманитарных и экономических наук. Курган – тюбе. - 2017. - № 1/4 (49). - С. 299-303. ISSN: 2663-5534.

10. Садриддинов, Н.Т. Баъзе мушкилоти рушди соҳаи чорводорӣ ва роҳҳои бартараф намудани онҳо дар шароити ҷаҳонишавии иқтисодиёт [Матн] / Н.Т. Садриддинов, Х.А. Муллоев // Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав. Силсилаи илмҳои гуманитарӣ ва иқтисодӣ. Бохтар. - 2019. - № 1/1 (59). С. 165-169. ISSN: 2663-5534.

11. Хамдамзода, Х.А. Экономическая сущность интенсификации молочного скотоводства [Текст] / Х.А. Хамдамзода // Вестник Бохтарского государственного университета имени Носира Хусрава. Серия гуманитарных и экономических наук. Бохтар. - 2021. - № 1/4 (92) С. 100-108. ISSN 2663-5534.

12. Хамдамзода, Х.А. Формирование механизма устойчивого развития перерабатывающих предприятий АПК Республики Таджикистан [Текст] / Х.А. Хамдамзода // Вестник Бохтарского государственного университета имени Носира Хусрава. Серия гуманитарных и экономических наук. Бохтар. - 2022. - № 1/2 (98) С. 238-244. ISSN 2663-5534.

13. Ҳамдамзода, Х.А. Моҳияти иқтисодӣ ва мазмуни стратегияи тараққиёти комплекси агросаноатӣ [Матн] / Х.А. Ҳамдамзода // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. Душанбе. - 2022. - № 4/2 (44). С. 357-363. ISSN 2308-054X.

14. Ҳамдамзода, Х.А. Принсипҳо ва тарзи таҳияи стратегияи рушди чорвои ширӣ [Матн] / Х.А. Ҳамдамзода // Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав. Силсилаи илмҳои гуманитарӣ ва иқтисодӣ. Бохтар. - 2022. – № 1/4 (104). С. 141-146. ISSN 2663-5534.

15. Ҳамдамзода, Х.А. Таҳлили ҳолати кунунии истеҳсоли маҳсулоти гӯшту шир дар минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / Х.А. Ҳамдамзода // Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав. Силсилаи илмҳои гуманитарӣ ва иқтисодӣ. Бохтар. - 2023. - Т. 2. № 1/4 (116). С. 161-164. ISSN 2663-5534.

16. Ҳамдамзода, Х.А. Ташаккули низоми нишондиҳандаҳои баҳодиҳии самаранокии фаъолияти инноватсионӣ дар соҳаи чорвои ширӣ [Матн] / Х.А. Ҳамдамзода // Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав. Силсилаи илмҳои гуманитарӣ ва иқтисодӣ. Бохтар. - 2023. - Т. 1. № 1/3 (113). С. 229-233. ISSN 2663-5534.

17. Хамдамзода, Х.А. Развитие скотоводства: проблемы и их решения в глобальных экономических условиях [Текст] / Х.А. Хамдамзода // Теоритический и научно-практический журнал «Кишоварз» Изд.: ТАУ имени Шириншох Шотемур. Душанбе. - 2023. - № 4 (101). С. 214-218. ISSN 2074-5435.

18. Ҳамдамзода, Х.А. Такмили равандҳои занҷираи арзиши иловашудаи маҳсулоти гӯштӣ дар шароити воридотивазкунӣ [Матн] / Х.А. Ҳамдамзода, З.М. Ҷабборова // Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав. Силсилаи илмҳои гуманитарӣ ва иқтисодӣ. Бохтар. - 2024. - № 1/3 (125). С. 452-460. ISSN 2663-5534.

19. Ҳамдамзода, Х.А. Механизмҳои ташкилӣ-иқтисодӣ танзими давлатӣ бозори маҳсулоти кишоварзӣ: таҷрибаи хориҷӣ [Матн] / Х.А. Ҳамдамзода, М.Ҳ. Холназаров // Тоҷикистон ва ҷаҳони имрӯз. Маҷаллаи Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе. - 2024. - № 2 (86). С. 159-176. ISSN 2075-9584.

20. Ҳамдамзода, Х.А. Механизмҳои танзими бозори маҳсулоти гӯшту шир дар зерматни татбиқи стратегияи воридотивазкунӣ [Матн] / Х.А. Ҳамдамзода // Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав. Силсилаи илмҳои гуманитарӣ ва иқтисодӣ. Бохтар. - 2024. - № 1/4 (128). С. 480-488. ISSN 2663-5534.

21. Ҳамдамзода, Х.А. Ҷанбаҳои назариявии консепсияи воридотивазкунӣ дар бахши кишоварзӣ [Матн] / Х.А. Ҳамдамзода // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. Душанбе. - 2024. - № 4/2 (55). С. 209-216. ISSN 2308-054.

22. Ҳамдамзода, Х.А. Тамоюлҳои рушди бозори маҳсулоти гӯшт ва шир дар Тоҷикистон [Матн] / Х.А. Ҳамдамзода // Маҷаллаи байналмилалии илмии «Фурӯғи илм». Душанбе. - 2025. - № 1(05) С. 244-256. ISBN 978-99985-40-73-6.

23. Ҳамдамзода, Х.А. Парадигмаҳои асосии инкишофи иқтисодиёти КАС дар шароити кунунӣ [Матн] / Х.А. Ҳамдамзода // Маҷаллаи «Номаи донишгоҳ» нашрияи МДТ «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров». Силсилаи илмҳои табиатшиносӣ ва иқтисодӣ. Хуҷанд. - 2025. - №1 (72). С. 48 - 58. ISSN 2077- 4974.

24. Ҳамдамзода, Х.А. Таҷрибаи хориҷии татбиқи консепсияи воридотивазкунӣ дар бахши кишоварзӣ [Матн] / Х.А. Ҳамдамзода // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. Душанбе. - 2025. - № 1 (56). С. 434-444. ISSN 2308-054X.

25. Ҳамдамзода, Х.А. Таҳқиқи мухтавои сохтории равишҳои ташкиливу иқтисодии воридотивазкунии маҳсулоти кишоварзӣ [Матн] / Х.А. Ҳамдамзода // Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав. Силсилаи илмҳои гуманитарӣ ва иқтисодӣ. Бохтар. - 2025 - № 1/1 (131). С. 338-346. ISSN 2663-5534.

26. Ҳамдамзода, Х.А. Механизми дастгирии давлатии рушди соҳибкории аграрии воридотивазкунанда [Матн] / Х.А. Ҳамдамзода // Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав. Силсилаи илмҳои гуманитарӣ ва иқтисодӣ. Бохтар. - 2025 - № 1/1 (131). С. 358-367. ISSN 2663-5534.

**Мақолаҳо дар дигар маҷалла ва нашрияҳо**

1. Муллоев, Х.А. Основные источники инвестиции сельского хозяйства [Текст] / Х.А. Муллоев, С.П. Накимов // Вестник педагогического университета. Душанбе, 2012. - № 5-2 (48). С. 302-305. ISSN: 2219-5408.
2. Муллоев, Х.А. Агролизинг - фактор формирования устойчивой материально-технической базы сельского хозяйства Республики Таджикистан [Текст] / Х.А. Муллоев, Ш. Холназаров, С.Д. Исвалиев // Экономика, труд, управление в сельском хозяйстве. Москва, 2015. - № 2 (23). С. 91-95. ISSN: 2077-3595.
3. Исвалиев, С.Д. Роль инвестиций в развитии сельского хозяйства региона Республики Таджикистан [Текст] / С.Д. Исвалиев, Х.А. Муллоев, М. Абдуллоева // Экономика, труд, управление в сельском хозяйстве. Москва, 2015. - № 3 (24). С. 88-91. ISSN: 2077-3595.
4. Ашуров, И.С. Эффективность интеграции сельскохозяйственных и перерабатывающих предприятий [Текст] / И.С. Ашуров, Х.А. Муллоев, Х.П. Шарипов, Б. Иззатулло // Развитие агропромышленного производства и сельских территорий: Материалы международной научно-практической конференции. (02 марта 2016). – Новосибирск, 2016. – С. 106-111.
5. Хамдамзода, Х.А. Показатели и критерии оценки экономической эффективности сельскохозяйственного производства [Текст] / Х.А. Хамдамзода, М.Х. Холназаров // Наука и инновации - современные концепции. Сборник научных статей по итогам работы Международного научного форума. - Москва, 2023. - С. 16-22. ISBN 978-5-905695-78-0.
6. Hamdamzoda, Kh.A. Scientific basis, indicators and criteria for assessing the economic efficiency of agricultural production [Text] / Kh.A. Hamdamzoda // Science. Education. Practice. Proceedings of the International Science Conference. - Delhi, India, 2023. - C. 34-39. ISBN 978-5-905695-89-6.
7. Хамдамзода, Х.А. Основные принципы и предпосылки формирования и развития региональных агропромышленных кластеров [Текст] / Х.А. Хамдамзода, М.Х. Холназаров // Перспективные научные исследования как двигатель современной науки. Сборник статей международной научной конференции. - Санкт-Петербург, 2024. - С. 43-49. ISBN 978-5-00234-157-3

Пас аз баррасии диссертатсияи Ҳамдамзода Хурсанд Акбар дар мавзуи «Инкишофи консепсияи воридотивазкунонӣ дар соҳаи бозори маҳсулоти гӯшту шир: назария ва амалия» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.04.02 – Иқтисодиёти комплекси агросаноатӣ дар ҷаласаи васеъи шуъбаҳои Институти иқтисодиёт ва таҳқиқи системавии рушди кишоварзии Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон,

## ҚАРОР КАРДА ШУД:

1. Баромади Ҳамдамзода Хурсанд Акбар дар мавзуи «Инкишофи консепсияи воридотивазкунонӣ дар соҳаи бозори маҳсулоти гӯшту шир: назария ва амалия», муқарризони холис Рауфӣ А. доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, Раҳматзода Ҳ.Б. доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, Набиев Т.Т. доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, хулосаи роҳбари илмӣ доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, академики АИКТ Пиризода Ҷ.С., баромадкунандагон доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Мирсаидов А.Б., номзади илмҳои иқтисодӣ Амиров Н.И. ва номзади илмҳои иқтисодӣ Ахмедов Д.Ҳ. ба инобат гирифта шавад.
2. Кори диссертатсионии Ҳамдамзода Хурсанд Акбар ҷиҳати дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ дар мавзуи «Инкишофи консепсияи воридотивазкунонӣ дар соҳаи бозори маҳсулоти гӯшту шир: назария ва амалия» аз рӯйи ихтисоси 08.00.00. – Иқтисодиёт (08.00.04.02. - Иқтисодиёти комплекси агросаноатӣ) пешниҳод гардидааст, ба талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, теъдод ва интишороти натиҷаҳои илмӣ ба муҳтавои диссертатсия мутобиқат менамояд.
3. Кори диссертатсионии Ҳамдамзода Хурсанд Акбар ҷиҳати дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ дар мавзуи «Инкишофи консепсияи воридотивазкунонӣ дар соҳаи бозори маҳсулоти гӯшту шир: назария ва амалия» аз рӯйи ихтисоси 08.00.00. – Иқтисодиёт (08.00.04.02. - Иқтисодиёти комплекси агросаноатӣ) бо дарназардошти бартараф намудани баъзе камбудиҳои ошкоргардида ба шурои диссертатсионии 6D.KOA-016 назди Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш.Шоҳтемур барои ҳимоя пешниҳод карда шавад.

Хулоса дар ҷаласаи васеъи шуъбаҳои Институти иқтисодиёт ва таҳқиқи системавии рушди кишоварзии Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон (протоколи № 1/3 аз «27» январи соли 2025) бо иштироки 25 нафар аъзоҳои шуъбаҳо қабул карда шудааст.

Натиҷаи овоздиҳии кушод: Тарафдор – 25 нафар, Зид – нест, Бетараф – нест. Якдилона қабул гардид.

Раискунанда, ходими пешбари илмии Институти иқтисодиёт ва таҳқиқи системавии рушди кишоварзии Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон д.и.и., профессор — Рауфӣ А.

Котиби ҷаласа н.и.и. — Файзуллоева К.Н.

Имзоҳои Рауфӣ А. ва Файзуллоева К.Н. - ро тасдиқ мекунам: Нозири кадрҳои Институти иқтисодиёт ва таҳқиқи системавии рушди кишоварзии АИКТ — Икромова М.Қ.